Бани одам аъзои якдигаранд!

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

# Овози тоҷик

آواز تاجيك

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991).

РӮЗНОМАИ КЕНГАШИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ДЕВОНИ ВАЗИРОНИ ҶУМҲУРИЯТИ ЎЗБЕКИСТОН

23 июли соли 2003. Чоршанбе № 55 (12898)

Дар фурӯш нархи озод. Рӯзнома соати 16.55 имзо гардид.

## Маҷлиси Девони Вазирон

***18 июл маҷлиси Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ўзбекистон, бахшида ба ҷамъбасти рушди соҳаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт дар нимсолаи аввали соли 2003 ва ба амал баровардани тадбирҳо оид ба самтҳои муҳими устувори ислоҳоти ин соҳа маҷлиси Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ўзбекистон ба амал омад.***



Дар маҷлис Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон Ислом Каримов маърӯза кард.

Роҳбари давлатамон қайд намуд, ки дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ тамоюли рушди устувори иқтисодӣ идома ёфт, устувории меҳиқтисодию молиявӣ мустаҳкам, интизоми пардохт баланд шуд, мутаносибии иқтисодиёт ва умуман баъзе соҳаҳои вай пурзӯр гардид. Дар натиҷаи зина ба зина ва пайваста гузаронда шудани ислоҳот дар тамоми соҳаҳо ба комёбиҳои муайян муваффақ шуданд.

Ҳаҷми маҳсулоти умумии дохилӣ 103,8 фоиз, аз он ҷумла, истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 105,5 фоиз, маҳсулоти кишоварзӣ 103,8 фоиз, истеҳсоли молҳои истеъмолӣ 104 фоиз ва хизматрасонӣ 104,4 фоиз таъмин гардид.

Ин нишондиҳандаҳо ба сифати оинаи ба худ хоси дигаргунсозиҳои эҷобии иқтисодиёт бо суръату самарабахш идома ёфтани ҷараёнҳои ташаккулёбии муносибатҳои иқтисодии мамлакатамонро инъикос менамоянд.

Хусусигардонӣ, ташкил кардани моликияти хусусӣ, ки ба таври муайян ҷанбаи муҳими иқтисоди бозаргонӣ ба ҳисоб меравад, аҳамияти бузург дорад. Дар давраи ҳисобот 698 корхонаву обектҳо аз тасарруфи давлат бароварда, хусусӣ гардонда шуд, маблағи аз хусусигардонӣ ба даст овардашуда ҷамъулҷамъ 22,5 миллиард сӯмро ташкил дод.

Президент он чизро алоҳида хотирнишон кард, ки талаботи фармону қарорҳо оид ба баланд бардоштани мавқеи хусусигардонии моликияти хусусӣ дар иқтисодиёт пурра ва ба дараҷаи бояду шояд иҷро намешаванд.

Дар давоми давраи гузашта оид ба самтҳои муҳимтарини ислоҳсозии иқтисодиёт, аз он ҷумла, амиқсозии ислоҳот дар кишоварзӣ фармонҳо, инчунин қарори ҳукумат, барномаҳо, дигар ҳуҷҷатҳои муҳими меъёрӣ, ки ба иҷрои фармонҳои мазкур нигаронда шудаанд, қабул шуданд.

Оиди ба ҳаёт васеъ татбиқ намудани вазифаҳое, ки дар фармону қарорҳои мазкур муайян шудаанд, корҳои амалӣ идома доранд. Дар маҷлис аҳволи иҷрои ҳуҷҷатҳои мазкур аз нуқтаи назари танқидӣ чуқур таҳлил шуд.

Инчунин қайд шуд, ки ба сатҳи нав бардоштани рушди хоҷагии фермерӣ, ҷорӣ кардани сохти васеъмиқёси хизматрасонии суғуртавӣ барои истеҳсолгарони маҳсулоти кишоварзӣ ва хусусан — ба рушди истеҳсолот ва инфрасохтори бозаргонӣ дар деҳот эътибори алоҳида додан лозим. Ба аҳволи ғайриқаноатбахши корҳои сохтмонӣ ва баҳрабардории обектҳо, ки дар натиҷаи суст шудани амиқсозии ислоҳоти иқтисодӣ дар сохтмони ҷорӣ ба амал омадаанд, эътибори ҷиддӣ дода шуд. Қайд шуд, ки дар гузарондани савдо дар асоси озмун ҳамоно ба қонуншиканӣ роҳ медиҳанд, ҳолатҳои баланд кардани арзиши лоиҳавии сохтмон, ба дараҷаи талабот ривоҷ наёфтани хизматрасонии лизингӣ-лоиҳавию инжирингӣ, беэътиборӣ зоҳир намудан ба рушди ташкилотҳои хусусии сохтмонӣ ҷой доранд.

Дар маҷлис зарурати барҳам додани нуқсонҳои тамоми звеноҳои сохти идоракунӣ, ки дар роҳи азнавсозии иқтисодию демократӣ монеъа мегардад, таъкид шуд. Оид ба амиқсозии ислоҳоти маъмурӣ ва такмилдиҳии сохтори идоракунии иқтисодӣ, аз он ҷумла оид ба бозрасии сохти ҳисоботи давлатии оморӣ ва идоравӣ, инчунин аз рӯи дигар вазифаҳои муҳим тавсияномаҳои дахлдор, маслиҳату супоришот доданд.

Аз рӯи масъалаҳои баррасишуда ахбороти ҷонишини Нахуствазир, вазири иқтисодиёт Р.Азимов, вазири кишоварзӣ ва хоҷагии об А.Ҷӯраев, раиси Кумитаи давлатии идоракунии амволи давлатӣ ва ҷонибдории тадбиргарӣ М.Асқаров, ҳокими вилояти Наманган Т.Ҷабборов, ҳокими вилояти Сирдарё Р.Ҳайдаров, ҳокими вилояти Хоразм И.Бобоҷонов шунида шуд.

Дар маҷлис аз рӯи масъалаҳои баррасишуда қарорҳои дахлдор қабул карданд.

**(ЎзА).**

# Дар бораи ҷамъбасти тараққиёти соҳаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт дар шаш моҳи аввали соли 2003 ва ба ҳаёт татбиқ намудани тадбирҳо оид ба самтҳои асосии ислоҳоти иқтисодӣ дар ин соҳа

### Нутқи Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон Ислом Каримов дар Маҷлиси Девони Вазирон

Мӯҳтарам иштирокдорони маҷлис!

Мавзӯъи асосии маҷлиси имрӯза,— ин муҳокимаи ҷамъбасти шаш моҳи аввали соли 2003 мебошад. Тавре ки маълум аст, ҳанӯз дар аввали сол мо барномаи муайяни тараққиёти иқтисодии мамлакат, роҳҳои асосӣ ва муҳимтарини озодгардонии минбаъдаи иқтисодиёт, амиқгардонии ислоҳоти иқтисодӣ дар соли 2003 ва солҳои оянддаро муайян намуда будем.

Аз ҳамин нуқтаи назар муҳим аст, ки корҳои дар ин самт ба сомон расидаро аз нуқтаи назари танқидӣ ва принсипиалӣ дида бароем, роҳи пешрафти худро ҷиҳати иҷрои вазифаҳои дар пешистода дар соли ҷорӣ муайян намоем.

Дар давраи гузашта тамоили пешрафти устувори иқтисодиёт ба мушоҳида мерасид, аз нигоҳи макроиқтисодӣ ва молиявӣ мӯътадилӣ ба назар расид, интизоми пардохт беҳтар гардид, мувозинати иқтисодиёт дар маҷмӯъ ва дар соҳаҳои алоҳида қавӣ гардид.

Дар ним соли аввал маҳсулоти умумии дохилӣ ба миқдори 3,8 фоиз афзуд. Ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт, бидуни истисно устуворона тараққӣ ёфтанд. Ҳаҷми истеҳсолоти саноат ба микдори 5,5 фоиз , истеҳсоли молҳои истеъмолӣ ба 4% фоиз, хоҷагии қишлоқ —3,8 фоиз, инвеститсияҳо ба —2,6 фоиз зиёд гардид. Анъанаи бо кор таъмин гардондани аҳолӣ боло рафт. Ва 102,8 фоизро ташкил намуд.

Ҳамаи ин ва дар навбати аввал тадбирҳои муайян оид ба ҳимояи иҷтимоии аҳолӣ имкон доданд, ки истеҳсоли умумии маҳсулот ба ҳисоби ҳар як фарди аҳолӣ ба 2,6 фоиз, даромади ҳақикӣ ба 8 фоиз зиёд гардад.

Дар соҳаи сиёсати буҷа роҳи асосии дар аввали сол пешгирифташуда амалӣ шуданд. Яъне сиёсати ҷиддии ба амал баровардани сиёсати кредитӣ —молиявӣ ва иҷрои меъёрҳои буҷавӣ оид ба даромад ва баромад, ҳамчунин сарфи назар намудани манбаъҳои пардохт намудани камбудии буҷа аз ҳамин ҷумла мебошанд. Дар натиҷаи пеш бурдани чунин сиёсат ҷамъбасти шаш моҳи аввал бо профитсити 0,5 фоиз нисбат ба МУД сурат гирифтааст.

Дар ҷамъбасти нимсолаи аввал тадбирҳои амалигардида таъсири мусбат ворид намуданд, дар натиҷа андози корхонаҳо ва умуман системаи андоз ба тартиб даромад. Тавре ки маълум, аз соли 2003 сар карда меъёри андоз ба даромад аз 24 то 20 фоиз кам гардид, тахсис ба соҳаи суғурта аз фонди маош барои шахсҳои юридикӣ аз 37,3 фоиз то ба 35 фоиз поин оварда шуд, ҳамчунин як қатор намудҳои андоз бекор карда шуданд.

Тадбирҳои мазкур имкон доданд, ки вазъи молиявии истеҳсолкунандагони маҳсулот беҳтар гардад. Фаъолияти сармоягузории корхонаҳо баланд бардошта шуданд. Дар нимсолаи аввал ҳаҷми сармояи худии корхонаҳо ба 18 фоиз афзуда дар ҳудуди 46 фоизро дар ҳама сармояҳои иқтисодиёт ташкил намуданд.

Дар соҳаи ислоҳоти системаи бонкӣ низ анъанаҳои хуби ба амал бароварда шуданд, фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ беҳбуд ёфтанд. Захираҳои тилло ва асъор афзуданд.

Дар ним соли аввал маблағи умумии бонкоҳи тиҷоратӣ ба 32 фоиз зиёд шуда гардиши қарзҳо беҳтар шуданд, ин имкон дод, ки дар зарфи шаш моҳи соли равон ҳаҷми умумии қарзҳои мавҷуда ба 36 фоиз зиёд гардад.

Боварӣ нисбат ба системаи бонк афзуд. Аҳолӣ ба ҳисобҳои депозитивӣ бештар маблағ гузоштанд, ин аз нигоҳи фоиз ба 44 фоиз расид.

Шабакаи хизматрасонии бонкӣ хеле тавсия ёфтанд, миқдори бонкҳои хусусӣ ва минибонкҳо такмил ёфтанд. Дар мӯҳлати шаш моҳи гузашта миқдори бонкҳои хусусӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ду баробар зиёд шуд. Агар дар соли 2000 дар мамлакат ҳамагӣ 12 минибонк мавҷуд бошад, алҳол шумораи онҳо ба 530 расидааст. Аз хизмати онҳо, системаи бонкҳо корхонаҳои миёна, хоҷагиҳои фермерӣ бештар истифода менамоянд.

Тадбирҳои қабулгардида оид ба мустаҳкам намудани сиёсати молиявӣ—кредитӣ ва баланд бардоштани интизоми молиявии субектҳои хоҷагидорӣ, тадбирҳои конкретии оид ба пур намудани бозори дохилӣ бо маҳсулоти рақобатбардошти ватанӣ натиҷаҳои самарабахш дар бобати инфилиятсия низ доданд. Агар дар нимсолаи аввали соли 2002 дараҷаи инфлятсия 14,4 фоизро ташкил намуда бошанд, дар соли ҷорӣ ин нишондиҳанда 4,2 фоизро ташкил намуд, ки ин ба мустаҳкам намудани мавқеи асъори миллӣ таъсири мусбат ворид менамояд.

**(Давомаш дар саҳ.2)**

# НАВИГАРИҲОИ ВИЛОЯТИ НАМАНГОН

### Мукофот ба ғолиб

Мувофиқи барномаи Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ўзбекистон гузаронидани рӯзҳои «Экология ва саломатӣ» дар шаҳру деҳоти ҷумҳурӣ ба анъанаи нек табдил ёфтааст. Дар давоми озмуни имсола, ки ба соли «Маҳаллаи обод» бахшида шудааст, ободониву тозагии кӯчаву маҳаллаҳои шаҳрҳо ва деҳот, тарзи солими зиндагӣ, нишондиҳандаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ба эътибор гирифта шудаанд.

Дар ҷамъбасти озмуни соли 2002 ноҳияи Давлатободи шаҳри Намангон ғолиби барномаи «Экология ва саломатӣ» эълон гардид. Ба ноҳияи ғолиб Ифтихорнома ва ҳамчунин мукофоти калони пулӣ—маблағи пулии арзишаш 1 миллион сӯм чанде пеш дар сурати мутантан супурда шуд.

### Анҷумани меъморон

Чанде пеш дар маркази вилоят анҷумани меъморон ва мутахассисони соҳаи шаҳрсозии ҷумҳурӣ баргузор гардид. Айнан ҷои гузаронидани анҷуман интихоб гардидани Намангон бесабаб нест. Зеро солҳои истиқлол қиёфаи марказИ вилоят ва ноҳияҳо бо сохтмони биноҳои мӯҳташаму босалобати маъмуриву истиқоматӣ зебову обод гардидааст. Натиҷаи ҳамин дигаргуниҳо буд, ки вилояти Намангон ҷои гузаронидани анҷумани ҷумҳурӣ интихоб гардид.

Меҳмонон ва иштирокчиёни анҷуман дар давоми ду рӯз бо биноҳои навбунёду хиёбонҳои маркази вилоят, аз ҷумла майдони теннисбозии «Дӯстлик», варзишгоҳи болопӯшидаи универсалии «Паҳлавон», «Маҷмӯаи варзишии ҷавонон» ва иншоотҳои навсохти шаҳри Косонсой аз наздик ошно гардида ба услубҳои меъмории он баҳои баланд доданд. Дар анҷуман таҷрибаи кории оиди меъморию шаҳрсозии намангониён барои тамоми бинокорони ҷумҳурӣ чун таҷрибаи пешқадам тавсия гардид.

### Натиҷаҳои хурсандибахш

Ба оғози фаъолияти корхонаи муштараки Ўзбекистон—Литва «Клайне-Текстил» моҳи апрели соли ҷорӣ як сол пур шуд. Дар ин фосилаи на он қадар тӯлонӣ корхона аз ҳар ҷиҳат ривоҷу равнақ пайдо кардааст. Корхонаи номбурда дар асоси ҷамъияти кушоди саҳҳомии бофандагию ресандагии Ҳаққулобод, дар иштироки Хонаи савдои «Рпафф-Зингер» ва бо маблағи 425 ҳазор доллари тадбиргарони литвонӣ Ж.Сейлюс ва А.Казлаускас таъсис ёфта буд. Дар корхона асосан ресмону калобаи пахтагин истеҳсол карда мешавад. Агар дар ҷамъбасти соли гузашта дар коргоҳи номбурда ба арзиши 328 ҳазор доллари ИМА маҳсулот истеҳсол шуда бошад, дар ҷамъбасти шашмоҳаи соли равон ба арзиши 547 ҳазор доллар ресмону калобаи хушсифат истеҳсол гардида ба кишварҳои хориҷӣ фиристода шудааст.

Соли равон дар корхона боз як хатти истеҳсолӣ дар асоси технологияи нав ба арзиши 2,5 миллион евро васл хоҳад ёфт. Дар натиҷа иқтидори истеҳсолии корхонаи муштарак афзуда соле ба 1,5 миллион доллари ИМА маҳсулот истеҳсол мекунад. Аз ҳама муҳимаш боз 25 нафар шахсони эҳтиёҷманд бо кор таъмин мегарданд.

**А.НУРИДДИНОВ.**

**Қарори маҷлиси Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ўзбекистон**

## Дар бораи ҷамъбасти тараққиёти соҳаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт дар нимсолаи якуми соли 2003 ва ба ҳаёт татбиқ намудани тадбирҳо оид ба самтҳои муҳими устувори ислоҳот дар ин соҳа

1. Девони Вазирон қайд менамояд, ки дар нимсолаи аввали соли 2003 тамоили пешрафти устувори иқтисодӣ идома ёфт, пешрафти макроиқтисодӣ ва молиявӣ мустаҳкам гардид, интизоми пардохт баланд шуда мӯътадилнокии иқтисодӣ умуман ва дар ҷабҳаҳои ҷудогона пурқувват гардид.

Пешрафти даромади умумии маҳсулот (103,8 фоиз), ҳаҷми истеҳсолоти саноатӣ (105,5 фоиз) ва кишоварзӣ (103,8 фоиз) , молҳои мавриди ниёз (104,9 фоиз) ва хизматҳои пулакӣ (104,4 фоиз) таъмин гардид. Тамоилҳои пешрафти бо кор таъмин намудани аҳолӣ - 102,8 фоиз нигоҳ дошта шуд. Буҷаи давлатӣ бо даромади 0,5 фоиз нисбати даромади умумии маҳсулот иҷро гардид.

Тадбирҳои дар бобати сиёсати оид ба таъмини маблағу вом гузаронидашуда ба суръати инфляция, ки дар нимсолаи аввал 4,2 фоизро нисбати 14,4 фоизи соли 2002 ташкил дод, таъсири мусбӣ мерасонад.

Дар нимсолаи ҷорӣ даромади умумии бонкҳои тиҷоратӣ ба 32 фоиз афзуд, бозгардонии вомҳо беҳтар гардид. Эътимод ба сохтори бонкӣ-пулгузории аҳолӣ ба ҳисобҳои депозитӣ ба 44 фоиз баланд гардид.

Дар ҷабҳаи озодкунии сиёсати пул пешравии назаррас ба даст омад, унификатсияи табодули курсҳои асъор тақрибан ба даст омад, фарқи курсҳо дар байни бозори асъор ва бозори ғайрибиржавӣ аз байн бардошта шуд.

Дар нимсолаи аввали соли 2003 698 корхона ва иншоот ғайридавлатӣ ва хусусӣ гардонида шуд. Маблағи умумие, ки аз хусусигардонӣ ба даст омад, 22,5 миллиард сӯмро ташкил дод. Гардиши такрории коғазҳои қимматнок дар нимсола ба зиёда аз 1,5 баробар афзуд.

Дар соли равон 27,7 ҳазор фирмаҳои хурд, корхонаҳои хурду миёна аз нав таъсис ёфтанд, ки дар натиҷа 211,4 ҳазор ҷойи нави кор ба миён омад. Аз ҷониби бонкҳои тиҷоратӣ ва бунёдҳои ғайрибуҷавӣ барои инкишофи тадбиркории хурду миёна 104,6 миллиард сӯм, аз он ҷумла 1,7 миллиард сӯм ҳамчун маблағи аввалин барои тадбиркорони нав ҷудо гардид.

Дар айни ҳол бар дӯши тадбиркории хурду миёна 34 фоизи даромади умумии маҳсулот рост меояд ва дар ин соҳа 56 фоизи тамоми ба иқтисод банд будагон меҳнат мекунанд.

Дар фаъолияти савдои беруна пешравиҳои мусбӣ ба амал меоянд муомилоти савдои хориҷӣ дар нимсола тақрибан ба 23 фоиз, аз он ҷумла содирот ба 41 фоиз, содироти маҳсулоти тайёр ба 1,6 баробар афзуд. Дар ҷабҳаи савдои хориҷа дар ҳаҷми 530 миллион доллари ИМА салдои мусбӣ ба даст омад. Инкишофи устувори хоҷагиҳои фермерӣ таъмин мегардад. Дар давраи ҳисоботӣ дар асоси 178 корхонаҳои зараррасони кишоварзӣ зиёда аз 111 ҳазор хоҷагиҳои фермерӣ созмон ёфтанд. Сохтори ҳисобу китоб оид ба хариди маҳсулоти кишоварзӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва сохтори раёсати истеҳсолоти кишоварзӣ мукаммал мегардад.

Аз ҳисоби ҷалб намудани маблағҳо дар иқтисодиёт сохторҳои нав ба вуҷуд меоянд. Ҳаҷми маблағгузорӣ дар иқтисодиёт ба 2,6 фоиз афзуд. Зиёда аз 60 фоизи тамоми маблағҳо ба ҷабҳаи истеҳсолот гузошта шуданд. Дар нимсола маблағҳои хориҷӣ ба зиёда аз 200 миллион доллари ИМА азхуд карда шуданд.Андозаи маблағҳои мустақими хориҷӣ нисбати соли гузашта ба 1,9 баробар афзуд.

Баробари ин санҷиши ҷамъбастҳо шаҳодат медиҳад, ки бисёр имкониятҳои истифода аз захираҳо , пеш аз ҳама дар ҷабҳаи иқтидори истеҳсолии ба миён омада истифода намегарданд, равандҳо оид ба хусусигардонӣ, амиқ гардонидани ислоҳоти иқтисодӣ дар кишоварзӣ ва сохтмони умумӣ суст ҷорӣ мегарданд.

Кор оид ба иҷрои барномаҳои дар бораи хусусигардонии корхонаҳо қабул гардида бо суръати суст бурда мешаванд. Дар нимсола дар ширкати давлатии саҳҳомии «Ўзкимёсаноат» фақат ду иншоот , дар ширкати давлатии саҳҳомии «Ўзбекэнерго» танҳо се , оҷонсии оид ба матбуот ва иттилоот -чор ва дар Вазорати таълими халқ танҳо ҳашт иншоот хусусӣ гардонида шудаанд. Ин кор дар вилоятҳои Намангон, Самарқанд ва Сирдарё суст ҷорӣ мегардад.

Вазъи корҳо оид ба ҷалб намудани маблағҳои хориҷӣ ба раванди хусусигардонӣ пеш аз ҳама дар корхонаҳои бузурги ширкати миллии холдинги «Ўзбекнефтегаз», ширкати саҳҳомии «Ўзкурилишматериаллари», ширкати давлатии саҳҳомии «Ўзкимёсаноат», ширкати саҳҳомии «Ўзтелеком» ва бисёр дигарҳо ба талаб ҷавоб намедиҳанд.

Иттиҳодияи «Ўзгӯштсутсаноат» (21,6 фоиз), ширкати давлатии «Ўзфармсаноат» (22,4 фоиз), иттиҳодияи «Ўзпахтасаноат (23,9 фоиз), ширкати саҳҳҳомии холдингии «Файз» (40 фоиз), ширкати «Ўзбекенгилсаноат» (40,3 фоиз), оҷонсии «Ўзкоммунхиззмат» (40,5 фоиз) ва ширкати давлатии саҳҳомии «Ўзкимёсаноат» (40,9 фоиз) аз пешгӯиҳои муқарраршуда нисбати истеҳсоли маҳсулот қафо монданд. Ба амал татбиқ намудани 33 лоиҳа ҳанӯз оғоз нагардидааст. Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, вилоятҳои Сирдарё, Фарғона ва Хоразм иҷрои нақшаҳои дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ пешгӯишударо ба буҷаи маҳаллӣ таъмин нанамуданд.

Кор оид ба васеъ намудани сохтори истеҳсолот дар деҳот ба дараҷаи зарурӣ бурда намешавад. Ҷорӣ намудани ислоҳоти иқтисодӣ дар сохтмони умумӣ хеле суст ҷараён дорад, вайронкунӣ дар савдои озмунӣ ҷой дорад, қимати бинокорӣ баланд нишон дода мешавад, сохтор оид ба хизматҳои лизингӣ ва лоиҳавию муҳандисӣ инкишоф намеёбад.

Дар сохтори идоравӣ ҳамчун собиқа усулҳои маъмурию фармондиҳӣ, бюрократизм, дахолат кардан ба фаъолияти хоҷагии корхонаҳо боқӣ мондааст. Ахбори ҳисоботии тақрибан истифоданашаванда бисёр ҷамъ оварда мешаванд. Сохтори мавҷудаи давлатӣ, соҳавӣ ва ҳудудии раёсат дар тамоми сатҳҳо ба пешравии кор ва ба амал татбиқ намудани ислоҳоти иқтисодӣ ва демократиконӣ монеа мегарданд.

2. Ба маҷмӯи роҳбарияти Девони Вазирон, Шӯрои Вазирони Қароқалпоқистон, ҳокимияти вилоятҳо ва ҳокимияти шаҳри Тошканд, ба вазоратҳо, идораҳо ва иттиҳодияҳои хоҷагидорӣ супурда шавад, ки дар мӯҳлати даҳ рӯз ба амал ҷорӣ шудани ислоҳоти иқтисодиро аз нуқтаи назари танқидӣ барои нимсолаи аввал дар минтақаҳо, соҳаҳо ва ҷабҳаҳои иқтисодӣ дида бароянд, чорабиниҳои маҷмӯиро ба амал татбиқ созанд, баҳри ба ҳаёт ҷорӣ намудани вазифаҳое, ки дар маърӯзаи Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон И.Каримов ва фармонҳои Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон оид ба амиқгардонии ислоҳоти иқтисодӣ нишон дода шудаад, тадбирҳо андешанд:

аз 24 январи соли 2003 № ФП 3202 «Дар бораи тадбирҳо оид ба зиёд намудани саҳм ва моҳияти сектори хусусӣ дар иқтисодиёти Ўзбекистон»;

**(Давомаш дар саҳ.3)**

# Дар бораи ҷамъбасти тараққиёти соҳаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт дар шаш моҳи аввали соли 2003 ва ба ҳаёт татбиқ намудани тадбирҳо оид ба самтҳои асосии ислоҳоти иқтисодӣ дар ин соҳа

## Нутқи Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов дар маҷлиси Девони Вазирон

**(Аввалаш дар саҳ.1)**

Дар натиҷаи тадбирҳои қабулгардида оид ба сиёсати озодгардонии асъор амалан унификатсияи (ба шакл даровардан) курсҳои асъор ба амал омад, фарқи байни курси берун аз биржа ва бозори асъор барҳам ёфт.

Масъалаи асосии кунунӣ таъмин намудани шароит ҷиҳати нигоҳ доштани курси мӯътадили табодул буда баъди конвертатсия шудани сӯм қобили эътибор мебошад. Ин соҳа аз роҳҳои муҳимтарини сиёсати иқтисодиёти мамлакати мо мебошад. Барои ин мо ҳама шароит ва имкониятҳоро дорем.

Моҳи июн ба Тошканд намояндагони бунёди байналхалқии асъор омада буданд, онҳо тадбирҳои пешгирифтаи моро дар соҳаи озодгардонии асъор қобили қабул дониста, ба он баҳои баланд дода буданд. Оид ба таъмин намудани муовизаи асъори миллӣ якҷоя нақшаи амалиёт қабул гардид, бо муваффақият амалӣ гардондани он имкон медиҳад, ки худи ҳамин сол Ӯзбекистон ҳама андозаҳои боби VIII Шартномаи фонди байналхалқии асъорро қабул кунад.

Дар фаъолияти берунаи иқтисодӣ, дар соҳаи содирот ва воридоти амвол пешравиҳои мусбат низ ба мушоҳида мерасанд. Ҳаҷми савдои беруна дар ним соли аввал қариб ба 23 фоиз афзуд, аз ҷумла содирот ба 41 фоиз зиёд шудааст. Дар баробари ҳамин ҳаҷми содироти маҳсулоти тайёр дар зарфи шаш моҳи аввал ба миқдори 1,6 баробар зиёд шуда сахми он дар содирот то 41 фоиз нисбат ба 35 фоизи порсола зиёд шудааст. Ҷиҳати мусбат дар тиҷорати беруна ба даст омадааст, ҳаҷми он ба 530 миллион доллари ИМА расидааст. Балански пардохтӣ дар мамлакат мустаҳкам шуд. Ӯзбекистон аз рӯи ӯҳдадориҳои берунаи худ дар вақташ ҳисобу китобро баробар менамояд.

Муносибатҳои берунаи иқтисодӣ бо мамлакатҳои хориҷӣ тавсия ёфтанд, равобити иқтисодӣ бо мамлакатҳои муштараку манофеъ беҳтар шуданд. Муносибот бо мамлакатҳои хориҷи дур дар қисмати содирот қариб 77 фоизро, дар воридот 62 фоизро ташкил менамояд. Ин нишондиҳандаҳо аз он чиз ҳам шаҳодат медиҳад, ки иқтисодиёти мо ба системаи иқтисодиёти ҷаҳонӣ наздик шуда, мавқеъҳои худро боз ҳам мустаҳкам менамояд, дар мубориза рақобатҳо дар бозори ҷаҳонӣ мавқеъ пайдо менамояд.

Барои дар амал татбиқ намудани сиёсати мазкур навкунӣ ва таҷдиди истеҳсолот мавқеъи муҳим дошта, тағироти амиқи сохтори иқтисодиро аз ҳисоби ҷалб намудани сармояҳои хориҷӣ, таъсиси корхонаҳои муҷовир мусоидат менамояд, ки он ба коркарди ниҳоии маҳсулоти хоми маҳаллӣ ва аз он ба даст овардани маҳсулоти тайёр нигаронда шудааст.

Дар давоми нимсолаи аввал ҳаҷми умумии маблағгузорӣ ба миқдори 2,6 фоиз афзуда, он аз се як ҳиссаи маҳсулоти умумии дохиларо ташкил намуд. Зиёда аз 60 фоизи ҳамаи сармояҳо пеш аз ҳама ба тараққиёти соҳаи истеҳсолӣ нигаронида шудаанд.

Дар соҳаи сармояҳо тағироти ҷашмраси мусбат дида мешаванд, яъне аз 56 фоиз ба 67 фоиз баланд рафтааст. Манбаъҳои ғайри марказонидашуда мавқеи бештар ёфтанд: маблағҳои корхонаҳо, қарзҳои бонкҳои тиҷоратӣ, инвеститсияҳои бевоситаи хориҷӣ аз ҳамин ҷумлаанд.

Дар нимсола инвеститсияҳои хориҷа беш аз 200 миллион доллари ИМА -ро ташкил намуд, ки аз он 65 миллион доллараш ин сармояҳои бевосита буда, ҳаҷми он назар ба ҳамин давраи соли гузашта ба 1,9 фоиз афзудааст.

Дар давраи мавриди назар корхонаҳои нав ба кор даромаданд, аз ҷумла дар ҷамъияти саҳҳомии «Автооина» истеҳсоли оинаҳои автомобилҳо, дар «Аллатекс» маҳсулоти саноати сабук истеҳсол карда мешаванд, сохтмони стансияи компрессорӣ дар кони гази Шӯртан шурӯъ гардид, давраи аввали таҷҳизоти техникии соҳаи истеҳсоли ангиштсанг ба охир расид, истеҳсоли яхдонҳо дар ОАО «Сино» барқарор гардид. Корҳои сохтмони истеҳсоли корхонаи истеҳсолии кислотаи азотии ғайри консентрасионӣ ва селитраи амиак дар «Азот» -и Фарғона дар арафаи хатмшавист.

Дар баробари ҳамин корҳо дар чаҳорчӯбаи барномаи асотсиатсияи «Узмясомолпром» (21,6 фоиз) «Узфармпром» (22,4 фоиз), ассотсиатсияи «Узхлопкопром» (23,9 фоиз), ИА ШХ «Файз (40 фоиз), компанияи «Ӯзбекенгилсаноат», (40,3 фоиз), Оҷонсии «Узкоммунхизмат» (40,5 фоиз), ва Узкимёсаноат» (40,9 фоиз), назар ба меъёрҳои пешбинишуда қафо мондаанд.

Дӯстони азиз дар бораи ҷамъбасти нимсола сухан ронда, наметавонем қайд накунем, ки комёбиҳои деҳқонони ғаллакори мо қобили қайданд. Онҳо имсол ҳосили хуб ба даст даровparданд. Гарчанде ки шароитҳои обу ҳаво чандон мусоид набуд, деҳқонон дар мавсими ҷорӣ зарбдорона меҳнат намуда аллакай чор милиону 300 ҳазор тонна ғалла ғундоштанд. Ғаллакорони вилояти Сурхондарё дар ин бобат пешсафӣ карда аввалин шуда нақшаи фурӯши ғалларо ба давлат иҷро карданд. Меҳнаткашони вилоятҳои Андиҷон, Бухоро, Навоӣ, Фарғона, Хоразм, Самарқанд, Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон низ аз иҷрои нақшаҳои пешбинигардида бомуваффақият баромаданд. Имрӯз деҳқонони вилоятҳои Тошканд ва Намангон ҳам ӯҳдадориҳои худро иҷро кардаанд. Ғаллакорони вилоятҳои дигар низ дар арафаи иҷрои нақшаҳои хеш мебошанд.

Имрӯз дар қатори пахтакорӣ, ғаллакорӣ ҳам аз соҳаи муҳимтарини корҳои зироат ба шумор меравад. Тарзи коркарду нигоҳубини зироати ғалла пеш меравад, дар соҳаи ба вуҷуд овардани навъҳои беҳтарин корҳои селексионӣ бурда мешаванд, навъҳои серҳосили гандум, ки ба боду ҳавои мураккаб тобовар аст, ба даст меоянд, сифати ғалладона хеле беҳтар шуд, хусусиятҳои истеъмолии он тағйир ёфтанд.

Аз ҳама муҳимаш муносибати деҳқон ба замин, ба натиҷаи кори худ тағйир ёфт.

Дар мисоли соҳаи ғаллакорӣ мо дида метавонем, ки ислоҳоти муносибатҳои истеҳсолӣ ва муносибатҳои мулкдорӣ, рағбатнокгардонии меҳнати деҳқон дар деҳот натиҷаҳои азими мусбат медиҳанд.

Ҳосилнокии миёнаи ғалладона дар 5 соли охир аз заминҳои обӣ қариб ду баробар афзуда алҳол аз ҳар гект 43—45 сентнерро ташкил медиҳад. Ва ин ҳам ҳадди охир нест. Бисёр хоҷагиҳо аз ҳар гектар, аз як дарав то 75—80 сентнерӣ ғалла ғундошта истодаанд.

Соли ҷорӣ дар мамлакатамон зиёда аз 5 миллион тонна ғалла ба даст оварда мешавад. Ҳамагӣ панҷ-шаш сол пеш аз ин, чунин рақамҳои азимро дар соҳаи ғалладона фақат орзу кардан мумкин буду халос. Он вақт мо ҷиҳати ба амал баровардани Барномаи миллии мустақилии ғалларо дар мамлакатамон орзу менамудем.

Барои муқоиса ба хотир овардан аз аҳамият холӣ нест, ки дар солҳои 90—91 дар Ӯзбекистон 940 ҳазор тонна маҳсулоти дони хӯшадор истеҳсол карда мешуд, ҳосилнокии миёнаи ҳар гектар 17 сентнериро ташкил менамуд. Яъне дар ин давра истеҳсоли ғалла 5,5 маротиба афзудааст.

Бо қаноатмандии калон аз ин минбари азим мехоҳам қайд намоям, ки деҳқонони ғаллакори мамлакат, аҳли меҳнати деҳот, роҳбарони хоҷагиҳо, сарварони ноҳияҳо ва вилоятҳо дар ин бобат саҳми муносиб гузоштанд. Ниҳоят, дар ҷамъбаст гуфтан мумкин аст, ки дар ин давра Ӯзбекистон дар бобати амиқгардонии ислоҳоти демократӣ ва бозорӣ қадамҳои дилпурона ба пеш гузоштааст, дар натиҷа пешрафти бомаром ва мустаҳками иқтисодиёт таъмин мегардад, сатҳи зиндагии аҳолӣ баланд мешавад.

Мӯҳтарам иштирокунандагони маҷлис!

Дар ҳар як давраи тараққиёт ва ислоҳоти иқтисодӣ масъалаҳои нави муҳим муайян карда мешаванд, ки ба талаботи тез тағйирёбандаи ҳаёт ҷавобгӯ мебошанд, ки ин давоми мантиқии ислоҳотҳои шурӯънамудаамон мебошанд.

Зарурати дигаре пеш меояд, ки аз муносибати танқидӣ нисбати комёбиҳо ба вуҷуд омада, муаммоҳои пешомадаро муайян месозанд.

Ҷиҳати ҳал намудани вазифаҳои мазкур дар семоҳаи аввали соли ҷорӣ фармони Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон дар масъалаҳои хусусигардонӣ ва баланд бардоштани сахми сектори хусусӣ дар иқтисодиёт, амиқгардонии ислоҳот дар соҳаҳои асосӣ —зироат ва сохтмони асосӣ қабул карда шуда буданд.

Мазмуни асосӣ ва мундариҷаи фармонҳои қабулгардида қабл аз ҳама ба ин чизҳо нигаронида шудаанд:

**Якум**, боз ҳам озод намудани муносибатҳои иқтисодӣ ва ҷиддан маҳдуд сохтани роли давлат дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ, аз байн бардоштани мудохилаи маъмурии сохторҳои давлатӣ дар субъектҳои хоҷагидорӣ.

**Дуввум**, амиқ ва ташкил кардани ҷараёни хусусигардонӣ ва ба охир расонидани он, фароҳам овардани шароитҳои зарурӣ ҷиҳати инкишофи сектори хусусӣ дар мамлакат, хоҷагиҳои фермерӣ ва фаъолияти тадбиркорӣ, танзими системаи идоракунии корпоративии субъектҳои хоҷагидорӣ, ки ба талаботи иқтисодиёти бозорӣ ҷавоб медиҳанд.

**Сеюм**, қавӣ гардондани механизмҳои ҳуқуқӣ ва дигар механизмҳое, ки ба инкишофи рақобат мусоидат мекунанд, муносибатҳои байни субъектҳои хоҷагидориро дар асосҳои шартномавӣ ташаккул медиҳанд, ҳуқуқ ва масъулиятҳои тарафҳои шартномабастаро кушоду равшан муайян менамоянд.

Бори дигар таъкид кардан мехоҳам, ки ин феҳрасти пурраи мушкилҳои ҳалталаби сифатан нави марҳалаи тозаи ислоҳот набуда, танҳо муҳимтарин вазифаҳои принсипноке мебошад, ки рӯи онҳо ҳамаи мо сахт ва бо устуворӣ меҳнат кунем.

Албатта, ҳангоми қабули фармонҳо ва қарорҳои зикршуда вақти чандон зиёд сипарӣ нагардид, ки дар бобати иҷрои онҳо ягон хулосаҳо карда шавад. Дар баробари ҳамаи ин мо бо масъулият бояд дарк намоем, ки барои ин вақти беҳуда надорем.

Аз ин рӯ, аз фурсати имрӯза истифода намуда, танҳо дар он мавридҳое таваққуф намудан мехоҳам, ки моро бештар дар хавотирӣ ва аз ҷараёни татбиқи қарорҳои қабулшуда дар ҳолати ғайриқаноатмандӣ гузоштааст.

Масъалаи муҳими марҳалаи ислоҳоти ҷорӣ амиқ гардондани ҷараёнҳои хусусигардонӣ ва дар заминаи он ба вуҷуд овардани шабакаи васеи корхонаҳои хусусӣ мебошад. Бояд эътироф кард, ки дар соли ҷорӣ ин ҷараёнҳо бештар назаргиранд.

Дар баробари ин ҷараёни иҷрои корҳои барномаи хусусигардонии корхонаҳои идораҳои алоҳида ва вилоятҳо бояду шояд татбиқ намегарданд. Ҳамин тариқ дар нимсола ШДС «Ӯзхимпром» ҳамагӣ ду обектро, ШДС «Ӯзбекэнерго»—се обектро, Оҷонсии матбуот ва иттилоот—чор обектро ва Вазорати маорифи халқ 8 обектро хусусӣ намудааст. Чунин корҳо дар вилоятҳои Намангон, Самарқанд ва Сурхондарё суст пеш бурда мешавад.

Баъзе аз вазоратҳо ва идораҳо, ки дар ихтиёри худ бештари захираҳои давлатиро доранд, дар бобати фурӯши саҳмияҳои озод кор пеш намебаранд. Дар натиҷа дар нимсолаи аввал ШДС «Ӯзбекэнерго», «Озиқовқатсаноат» захираҳои худро тақрибан ба фурӯш нарасондаанд. Маблағи аз ғайридавлатисозӣ ва хусусигардонӣ ба даст меомада дар нимсолаи аввал ғайри вазифаҳои муқарраргардида миқдори зайлро ташкил намудааст:

дар ассотсиатсияи «Ӯзагромашсервис» — 6%, Вазорати кишоварзӣ ва хоҷагии об — 3%, Госархитектстрой — 4%, вилоятҳои Самарқанд — 30%, Ҷиззах — 32%, Намангон — 36%, Сурхондарё ва Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон 38 фоизӣ.

Моро ҳамчунин имрӯз ҷалб намудани сармояҳои хориҷӣ ба ҷараёнҳои хусусисозии пеш аз ҳама корхонаҳои бузург қаноатманд намесозад. Ин пеш аз ҳама ба корхонаҳои сохтори Маҷмӯи нафту химия «Ӯзбекнефтегаз», ШС «Ӯзстройматериал», ШДС «Ӯзкимёсаноат», ШС «Ӯзтелеком» ва дигарҳо мутааллиқ аст.

Ҳанӯз механизмҳои баҳогузории амволи давлатӣ, ки бояд хусусӣ гардонда шаванд, таҳия нашудаанд. Механизмҳои фурӯши арзонгардидаи саҳмияҳои корхонаҳое, ки дар тӯли вақтҳои зиёд дар фурӯшҳои биржа ва берун аз он ба фурӯш нарасидааст, татбиқ нагаштааст.

Такроран мехоҳам таъкид намоям, ки корхонаҳое, ки тамоман фоидаовар нестанд ва ба зарари худ кор мекунанд, ба шакли идораи хусусӣ гузаронда ва ё тамоман аз байн бурда шаванд. Ин бояд шарти аниқ ва устувори сиёсати хусусисозии мо гардад.

Инак, ба худ тасаввур мекунем: беш аз даҳ сол сиёсати мақсадноки аз тасарруфи давлат баровардан ва хусусисозӣ ҷараён дорад. Тамоми обектҳои истеҳсолӣ, ки боиси таваҷҷӯҳ гардида буданд, ё саҳҳомӣ ва ё хусусӣ гаштаанд. Аз ин рӯ саволи табиӣ ба вуҷуд меояд: чаро ва барои кӣ зарур аст, ки аз ҳисоби давлат корхона ва ташкилотҳое нигоҳ дошта шаванд, ки ҳеҷ фоидае намеоранд. Ба ҳама бояд равшан гардад, ки мол бояд соҳиби ҳақиқии худро дошта бошад. Агар соҳиби он пайдо нашавад, ин корхона бояд аз байн бурда шавад.

Ба корхое, ки дар маҳалҳо дар мавриди роҳҳои оқилонаи идора ва мустаҳкам намудани он бурда мешавад, нигоҳ накарда, баъзе аз онҳо танҳо хусусияти расмӣ дорад. То ҳанӯз нуктаҳои вобастагии аъзои шӯрои нозирон аз директори корхона паси сар нагаштааст. Чунин мисолҳо дар ҶС «Аммофос» («Ӯзхимпром»), ҶС «Подёмник» («Ӯзмашсаноат»), ҶС «Ӯзмахсусавтоматика» ва «Портлатишсаноати» («Ӯзмонтажспетстрой»), «Тошканд таҷриба механика заводи» (Ӯзстройматериал), «Турон» (Ӯзбексавдо) ва ғайра ҷой доранд.

Ҳамчунин омилҳои дигари бархурд, мисли рӯихотирӣ, ки ҳангоми баррасии фаъолияти роҳбарони бисёре аз мақомоти иҷроияи ширкатҳои саҳҳомӣ роҳ дода мешаванд, паси сар нашудаанд. Чӣ гуна бояд қабул кард, вақте ки аз 379 ҷамъияти саҳҳомӣ, ки соли 2002-ро бо пастравии даромад анҷом дода, дар 345 чунин ҷамъият, ё худ 91 фоизи он роҳбарони мақомоти иҷроия дар курсиҳои пешини худ мондаанд. Гузашта аз он 28 ҷамъияти саҳҳомӣ соли гузаштаро бо зарар анҷом додаанд ва сарфи назар аз ин дар 26 чунин ҷамъият директорони иҷрогар барои соли оянда аз нав интихоб гардидаанд.

Ин мисолҳо пеш аз ҳама аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки дар навбати аввал хунукназарӣ, сустӣ ва бепринсипии роҳбарони Кумитаи давлатии идоракунии амволи давлатӣ ва ҷонибдории тадбиргарӣ ва маҷмӯаҳои мутасаддии Девони Вазирон дар ин мавридҳо зоҳир гардидаанд. Бояд гуфт, ки кумита ҳанӯз тамоми он вазифаҳое, ки ба ӯҳдааш гузошта шудааст, иҷро карда наметавонад. Ҳамоҳангии кори он дар сохторҳои вилоятиаш таъмин нагардидааст. Дастгоҳи марказӣ ва мақомоти ҳудудии он, тавре ки аттестатсияи анқариб нишон дод, аз нигоҳи масъалаи кадрҳо бо шахсони кордон ва молики касби худ таъмин нагардидаанд. Ҳанӯз шахсони тасодуфӣ, ки вазифаҳои Кумитаи давлатии амволро дуруст сарфаҳм намераванд, дар қатори онҳо ҳастанд.

Ҳоли ҳозир қарори ҳукумат дар бобати ташаккули созмондиҳии фаъолият ва сохтори Кумитаи давлатии идоракунии амволи давлатӣ ва ҷонибдории тадбиргарӣ ва мақомоти он дар маҳалҳо, таъмини он бо кадрҳои соҳибмалака омода мегардад, дар рӯзҳои наздик қабул мешавад.

Дар масъалаи иҷрои фармон **дар бораи амиқ сохтани ислоҳот дар кишоварзӣ** чандин қарорҳои муҳими ҳукуматӣ, пеш аз ҳама дар бобати такомули сохтори идораи соҳа, сохтори худи вазорати кишоварзӣ ва хоҷагии об, шӯъбаҳои вилоятӣ ва ноҳиявии он қабул гардиданд.

Ҳоло чунин вазифа гузошта шудааст, ки дар муддатҳои харҷи кӯтоҳ бозсозиҳои ташкилиро дар сохтори Вазорати кишоварзӣ ва хоҷагии об ва шӯъбаҳои ҳудудӣ, таъмин намудани онҳо бо кадрҳои шоиста анҷом диҳанд. Зарур аст, ки ҳар гуна зуҳуроти кӯшиши фармондиҳии маъмурӣ ва мудохила ба фаъолияти истеҳсолгарони кишоварзӣ аз ҷониби вазоратҳо ва дигар сохторҳои роҳбарикунанда қатъ гардад.

Таъмин намудани вазифаи хеле оддӣ — дар соҳаи тавлидоти кишоварзӣ ҳар кас бо кори худ бояд машғул гардад — хеле муҳим аст. Вазоратҳо ва шӯъбаҳои он бо кори худ ва истеҳсолгарони кишоварзӣ ва шӯъбаҳои хизматрасонии он бо вазифаи худ андармон бошанд. Ва ҳар яке вазифадор аст, ки аз рӯи масъулияти қонун бароящ вогузошта ҷавобгӯ бошад. Ва танҳо дар он сурат интизом ва натиҷаи ниҳоӣ ба вуҷуд меояд. Ҳамин тариқ ин нуктаҳо чи ба фаъолияти Шӯрои Вазирони Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, чи ҳокимиятҳои вилояту ноҳияҳо марбут мебошад. Консепсияи инкишофи хоҷагиҳои фермерӣ барои солҳои 2003-2005 омода аст ва рӯзҳои наздик мо онро баррасӣ мекунем. Дар ин маврид, пеш аз он ки қарор қабул гардад, амиқ фикр кардан ва бо назардошти хусусияти хоси он ва ҳолати ба вуҷудомадаи ҳар як хоҷагии алоҳида, ноҳия ва вилояти мамлакат чора андешидан зарур мебошад.

Пеш аз ҳама ба рушди инфрасохтори деҳот аҳамияти махсус бояд дод. Бе инфрасохтори инкишофёфта, чӣ истеҳсолӣ ва чӣ ғайриистеҳсолӣ, ки дар сатҳи замонавӣ бояд талаботи деҳот ба маънои васеи ин сухан таъмин гардад, мо пешравии ҷиддиро дар кишоварзӣ ва баланд бурдани сатҳи ҳаёти аҳолӣ тасаввур карда наметавонем.

Ҷараёни иҷрои фармон **дар бораи амиқ гардондани ислоҳоти иқтисодӣ дар сохтмони умда** боиси нигаронӣ аст. То ҳанӯз баъзе аз ҳуҷҷатҳои меъёрӣ, ки ба мағзи ислоҳот иртибот дорад, барои тасдиқ таҳвил нагардидааст. Дар натиҷа гузариш ба иҷрои корҳо ва супурдани обектҳои том дар амал хеле суст давом дорад. Ва маҳз ҳамин шакли кор чун асоси созмондиҳии бинокорӣ қабул гардидааст.

Ҷараёнҳои хусусигардонӣ, хусусигардонии моликияти давлатӣ дар ташкилотҳои пудратии сохтмон ва хусусан ташкилотҳои зараровар ва камфоида ниҳоят суст идома дорад. Аз ин боис дар баъзе вилоятҳо саҳми иштироки ташкилотҳои сохтмонии хусусӣ дар баргузории савдоҳои озмунӣ хеле паст аст. Ҳамин тариқ дар Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон ва вилояти Ҷиззах дар байни ғолибони савдо ягон ташкилоти хусусӣ ба назар намерасад. Дар вилоятҳои Қашқадарё ва Фарғона намояндагони тиҷорати хурду миёна дар байни ғолибон ҳамагӣ 20 фоиз, дар шаҳри Тошканд дар байни 34 ташкилоти ғолиби савдо 21-тоаш корхонаи давлатӣ ва ҷамъияти саҳҳомиро ташкил медиҳад.

Таҳлили танқидии натиҷаҳои савдоҳои озмунӣ ва ҳуҷҷатҳои он нишон дод, ки тақрибан дар тамоми минтақаҳо амалияи поймол намудани қоидаҳои муқарраршуда давом дорад, ки ҳамзамон шаффофияти ин мусобиқаҳои тиҷоратӣ таъмин намегардад. Дар нимсолаи якум аз ҷониби Госархитектстрой натиҷаи 12 савдои озмунӣ рад карда шудааст, ки бо риоя накардани қоидаҳои он ба амал омадааст. Аз он ҷумла дар вилояти Тошканд натиҷаи 6 савдои конкурсӣ, дар вилояти Сурхондарё 3 савдо ва дар вилоятҳои Ҷиззах, Навоӣ ва Хоразм яктоӣ савдо бекор карда шудааст.

Дар нимсолаи аввал дар натиҷаи санҷиши намояндагони Кумитаи давлатии оид ба берун овардан аз инҳисорот ва рушди рақобат нишон дод, ки аз 144 обект дар 139-тоаш қимати корҳо дар натиҷаи нодуруст гузоштани нарх баланд бардошта шуда, арзиш ва меъёрҳои харҷи масолеҳи бинокорӣ ба миқдори умумии беш аз 414 миллион сӯм ҳисоб гардидааст.

Яке аз омилҳое, ки дар сохтмони кулл ислоҳотро пешпо мезанад, вуҷуд надоштани инфрасохтори марбути бозор—ширкатҳои махсуси оид ба лизинги техника ва механизмҳои бинокорӣ, ширкатҳои муҳандисӣ, ки бо маҷмӯи мукаммали хизматҳои сохтмонию муҳандисӣ машғуланд ва дигарҳо мебошанд.

Барои таъмини мониторинги ҷараёни иҷрои се фармон ва барномаҳои самтҳои муҳими ислоҳоти иқтисодиёт комиссияи махсуси ҳукуматӣ зери сарпарастии Р.Азимов ва К.Тӯлаганов таъсис дода шудааст. Комиссияи мазкур ба ӯҳда дорад, ки вазъияти корро дар бобати иҷрои қарорҳои қабулгардида бори дигар аз нигоҳи танқидӣ таҳлил намояд ва тадбирҳои таъҷилиро дар бобати иҷрои бечуну чарои вазифаҳо ва ҷанбаҳои он барои соли 2003 чораҳо биандешад.

Дӯстони мӯҳтарам!

Самтҳои муҳими ҷараёни бозсозӣ ва таҷдиди назарро ба ҳаёти мамлакат дафъатан аз нигоҳи танқидӣ арзёбӣ намуда, мо бештар эътимод ҳосил менамоем, ки решаҳои консерватизми мо дар сохтори идораи ҷориамон мебошад. Бояд эътироф кард, ки системаи ҷории давлатӣ, соҳавӣ ва идораи ҳудудӣ дар тамоми зинаҳо мамониати қудратноке мегардад дар роҳи ислоҳоти иқтисодӣ ва демократӣ.

Бояд иқрор намуд, ки аксаран мо дар ҳавои ҳукмронии муҳити пешин ва одатҳои кӯҳнаи амрдиҳиву маъмурӣ ва системаи тавзеҳӣ мондаем.

Биёед аз нигоҳи танқидӣ баҳо диҳем ва бубинем, ки сохтори ҷории идора чи иллату бемориҳоро ба сар дорад.

Пеш аз ҳама **сарфи назар аз он, ки дар солҳои охир бисёр вазоратҳои соҳавӣ ба ҳар гуна иттиҳодияҳои хоҷагидорӣ бозсозӣ гаштаанд, ки корпоратсияҳо, ассотсиатсияҳо, компанияҳо аз ҷумлаи инҳо мебошанд, моҳият, усул ва шеваи кори онҳо амалан тағйир наёфтааст.**

Имрӯз дастгоҳи идора мисли давраи шӯравӣ кӯшиш менамояд, ки барои тамоми соҳаҳои ҳаёт масъул гардад, «ситоди» ба худ хоси соҳа гардида, ба ҷои он ки, чи хеле ки дар шарти бозори иқтисодӣ қабул гардидааст, пеш аз ҳама барои иҷрои қонунҳои қабулгардида ва қарорҳои ҳукумат ҷавобгӯ бошад.

То ҳанӯз дар кори онҳо усулҳои идораи фармондиҳию маъмурӣ афзалият дорад. Бемории доимии онҳо ташнагӣ нисбат ба татбиқи ваколатҳои ҳукумат—содир намудани ҳар гуна фармонҳо, дастурҳо, низомҳо, ҳуҷҷатҳои меъёрӣ мебошад, ки кам андар кам шахсон онро истифода мекунанд.

То ҳол онҳо аз мудохила намудан ба фаъолияти хоҷагидории корхонаҳо, дастурдиҳии мустақим, ҳатто то ҳалли масъалаҳои кадрҳо даст накашидаанд. Ҳатто то ба ҳолати хандаовар мерасад, вақте ки, масалан, идораи ассотсиатсия — мақомоте, ки корхонаҳо ихтиёрӣ таъсис додаанд — роҳбарони корхонаро таъин менамояд ва ё аз вазифа озод мекунад, ки онро худи ин шахс таъсис додааст. Ҳамзамон тибқи қонун идораи ассотсиатсия бояд зери назорати корхона, яъне муассиси он бошад.

**Мушкили дигар**—аз ҳад зиёд гардидани зинаҳои гуногуни роҳбарикунанда ва сохторҳо мебошад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки ҳар гуна мақоми идоракунанда, ки дар марказ, пойтахт таъсис ёфтааст, ҳатман сохтори ба он ҳисоботдиҳандаро дар вилоятҳо ва ноҳияҳо ташкил медиҳад, ки дар навбати худ аз ҳисоби онҳо роҳбарон, муовинон ва дастгоҳи хизматрасонӣ ва инчунин, ба истилоҳ, персонали техникӣ меафзояд.

**Иллати сеюм** — дар ихтиёри вазоратҳо ва идораҳо нигоҳ дошта мондани вазифаҳои гуногуни тақсимкунанда, ки то ҳанӯз бисёре аз онҳо ба шакли фонд ва ё соҳибони лимит боқӣ мондаанд.

Маъмулан дар чунин ҳолатҳо ҳатто дар маҳалҳое, ки захираҳои зиёд мавҷуд аст, дефисит барои он эҷод карда мешавад, ки муҳим будани худро дар назди соҳибмансаб нишон диҳад ва албатта, ки манфиати худро фаромӯш намекунад.

Танҳо чанд мисол меоварам.

Ҳанӯз соли 1997 Вазорати маҳсулоти саноати маҳаллӣ аз байн бардошта шуда буд. Дар таркиби он сохтори махсуси «Ӯзмаҳаллийтаъминотсотиш» вуҷуд дошт, ки бо тақсими техника ва захираҳои моддиву ашёӣ дар тамоми системаи мазкур машғул буд. Бо бекор шудани вазорат ин бахш ба ихтиёри ширкати тавлидотиву тиҷоратии Тошканд «Маҳаллий саноат» дохил гардид. Дар натиҷаи ҳатулкорӣ, аниқтараш дар натиҷаи пуштибонии соҳибмансабони баландпоя ин сохтор аз пеши худ вазифаи тақсимкунии саноати маҳаллиро дар байни идораҳои ҳудудӣ ва корхонаҳои маҳаллӣ тибқи квота барои хариди ашёи хоми пахта ва маҳсулоти азнавкоркарди он соҳиб гардид. Дар натиҷа мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва гумрук фактҳои поймол намудани тартиби харидро аз корхонаҳои коркарди пахтаи маҳаллӣ нахи пахтаро харида, ба ҷои навъҳои паст ба корхонаҳои саноати маҳаллӣ нахи навъи аввал ва дуюм дода мешуд, ки бо намуди пахтаи пастсифат ғайриқонунӣ ба хориҷи ҷумҳурӣ бурда мешуд, ошкор намуданд. Имрӯз Додситонии кулли ҷумҳурӣ тамоми чунин фактҳоро таҳлил намуда, гунаҳкорон ҷазои сазовор мегиранд. Ҳоли ҳозир қарор дар бораи бекор намудани ин таркиби миёнарав қабул гардидааст. Аммо дар ин ҷо масъала боз ҳам амиқтар мебошад, ки маҳаки он дар дохили ин система дар худи механизми тавзеҳи захираҳо мебошад, ки барои арзи вуҷуд намудан ва ба шакли туфайлихӯрӣ фаъолият намудани бисёре аз ин сохторҳо шароит ба вуҷуд меорад.

Дигар мисоли равшани он сохтори «Ӯзнефтепродукт» мебошад.

То қабули қарор дар бораи аз нав созмон додани ин сохтор бо масъалаи нигоҳ доштан ва тақсими маҳсулоти нафт дар сатҳи ҷумҳурӣ «Ӯзнефтепродукт» ва дар зинаи вилоятӣ корхонаи ҳудудии унитарӣ ва дар Ҷумҳурияти Қароқалпоқистону вилоятҳо, ба ном «маҳсулоти нафти вилоят» ва дар поёнтар аз он нефтебазаҳо, зинаи сеюм ва шӯъбаҳои он зинаи чорум мебошад. Агар анборҳои маҳсулоти нафти худи хоҷагиҳоро ба ҳисоб гирем, ин аллакай зинаи панҷум мегардад.

Ва дар ҳар кадоми аз ин зинаҳо соҳибмансаб ҳаст, ки худ ҳеҷ чиз истеҳсол намекунад, аммо тамоми ваколати тақсим намуданро дар зинаи худ соҳиб мебошад. Ва ин тақсимот чӣ гуна сурат мегирад, ҳоҷати гуфтан нест. Одамон дар маҳалҳо инро аз таҷрибаи худ медонанд.

Имрӯз тамоми сохтори «Ӯзнефтепродукт» аз нав таҷдиди назар гардида, хусусан дастгоҳи марказии он ба тағйирот дучор шуд. Маҳсулоти нафти вилоят аз байн рафт. Чун шахси ҳуқуқӣ танҳо 25 нефтебаза нигоҳ дошта шуд ва боқимонда ё аз байн бурда шуд, ё ба шӯъбаҳо табдил гардид. Ин корро то охир бояд расонд, муҳимтар аз ҳама бо қатъияти том аз шахсоне бояд халос гардид, ки ин системаро мемакиданд.

Барои аз байн бурдани заминаҳои чунин омилҳо танҳо як роҳ вуҷуд дорад—механизмҳои бозории хариди захираҳоро васеъ ба амал татбиқ бояд кард. Вазорати иқтисодиёт якҷоя бо тамоми сохторҳои манфиатдор дар тӯли ду моҳ таҳлили мукаммали онро анҷом дода, ба Девони Вазирон пешниҳодро дар бобати куллан ихтисор намудани тамоми фондҳо, квотаҳо ва лимитҳо пешниҳод намуда, таносуби моддии феҳристи тасдиқшударо таҷдиди назар намуда, бисёре аз онҳоро ҳамчун ҳисобӣ нигоҳ дорад, ки барои асоснок намудани пешгӯиҳои асосии ҷанбаҳои он заруранд.

Масъалаи ҳисоботӣ будани он, ҷамъ намудани иттилоот мавзӯи дигар аст, ки он низ иллати доимии системаи идории мо мебошад.

Имрӯз масъалаи баррасии тамоми системаи ҳисоботӣ хеле муҳим аст, ки он дар соҳаи иқтисодиёт фаъолият дорад. Ва ин пеш аз ҳама барои кишоварзӣ хеле муҳим аст. Ҷамъ овардани иттилооти зиёд ва баъзан беҳуда ва нодаркор, ки амалан истифода намешавад, барои бисёр сохторҳои идории мо мазмун ва мундариҷаи асосии фаъолияти онҳо гаштааст.

Дафъатан суолро боз бояд қатъиян гузошт: танҳо он сохтори ҳисоботиро нигоҳ бояд дошт, ки барои идораи таъҷилии истеҳсолот ва татбиқи он ва ҳамчунин барои омода намудани таносуб ва дигар маводи муҳими таҳлилӣ, ки барои пешгӯиҳои ҷорӣ ва оянда зарур мебошанд.

Ҳамзамон зарур аст, ки на танҳо феҳристи ҳисоботӣ, балки ба ҷавҳар ва мӯҳтавои он амиқ сарфаҳм рафта, натиҷаҳоеро бояд рад кард, ки ба онҳо ҳеҷ гуна зарурат вуҷуд надорад ва бо назардошти ин пешниҳодро дар бораи бекор намудани иттилооти зиёдатӣ ва ихтисор кардани зинаҳои идории марбут тайёр бояд кард.

Барои ин пеш аз ҳама Кумитаи давлатии омор, мақомоти он дар маҳалҳо ва сохторҳои идорие, ки марбути вазорат, идораҳое мебошанд, ки агар ба онҳо аз мақомоти поёнӣ ҳисобот нарасад, аз бекор мондан метарсанд, масъуланд.

Ин вазифаро мо бояд чун унсури асосии татбиқи ислоҳоти маъмурӣ шиносем.

Чанде пеш қарор дар бораи ихтисор намудани ҳисоботи танҳо соҳаи кишоварзӣ ба бештар аз 60 фоиз қабул гардид. Асосе вуҷуд дорад, ки чунин имкониятҳо ва захираҳо дар дигар соҳаҳо низ ҳастанд.

Аммо ҷанбаи муҳими ин масъала дар зарур будани ихтисори хароҷоти буҷавӣ ва хоҷагӣ мебошад, ки барои нигоҳ доштани дастгоҳи идора сарф мегардад. Бубинед, ки дар куҷо захираҳои кам намудани хароҷоти буҷа ва дар оқибати кор кам намудани андоз барои корхонаҳо ва аҳолӣ вуҷуд дорад.

**Боз як ҷанбаи ин масъала дар он аст, ки ҳарчи қадар дастгоҳи бюрократии давлатӣ зиёд бошад, ҳамон қадар зарурати назорат намудани маҳз ин дастгоҳ, ки аз номи давлат фаъолият дорад, пайдо мегардад.** Дар натиҷа дар ҳама ҷо ҳар гуна хадамоти назоратӣ дар назди ҳокимиятҳо, вазоратҳо, Девони Вазирон, ки барои назорати фаъолияти дастгоҳи идорӣ доир ба иҷрои қонунҳо ва қарорҳои қабулнамуда вуҷуд дорад, пайдо мегарданд.

Фикр мекунам, ки ихтисори нафарҳои идораи давлатӣ ин муҳимтарин василаи мубориза бо хатари ҷиддӣ — коррупсия мебошад, ки мисли занг системаи идориро нобуд сохта, ба пойдории иқтисодӣ ва ҷамъиятию сиёсии ҳар гуна мамлакат зарари ҷиддӣ ворид месозад.

Ба назари мо ислоҳоти маъмурӣ дар кадом самт бояд татбиқ гардад? Кадом натиҷаҳои дақиқро мо аз татбиқи он ба даст хоҳем овард?

**Аввал**, ҷиддан ихтисор намудани нақши давлат дар идораи иқтисодиёт, кам намудани сохторҳои идораи давлатӣ ва вазифаҳо, ихтисори хароҷот барои нигоҳ доштани мақомоти идораи давлатӣ. Вазифаҳо ва ваколатҳо ҳар чи бештар аз давлат бояд ба ҷамъият, созмонҳои иҷтимоӣ, мақомоти худидораи шаҳрвандон гузарад. Ин вазифаҳо бояд на барои расмият, на барои намоишкорӣ, балки воқеӣ бояд бошад, ки бо механизмҳои мутаассир ва манбаъҳои дақиқи татбиқи онҳо устувор гардонда шуда бошад.

Аз рӯи вазифаҳое, ки дар ихтиёри мақомоти давлатии иҷроияи ҳукуматӣ нигоҳ дошта шаванд, роҳҳои дурусти иҷрои онро таҳия бояд кард, ки вазифаҳои мақомоти давлатӣ ва хизматчиёнро муайян намояд, ки онҳоро имкони дақиқан арзёбӣ намудан ва назорат кардан вуҷуд дошта бошад.

**Дуюм**, ин вазифаи аз мутамарказонӣ дур сохтани идора мебошад, ки ин маънои баъзе аз вазифаҳоро ба сатҳи идораҳои ҳудудӣ доданро дорад, ки дар натиҷа баъзе маъмуриятҳои барзиёд аз байн мераванд. Баланд бардоштани масъулияти ҳокимиятҳои зинаҳои гуногун барои пиёда намудани ислоҳот, барои вазъияти кор, ки дар маҳалҳо ба вуҷуд меояд, барои ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ҳалли масъалаҳои шуғли аҳолӣ ва баланд бардоштани некӯаҳволии мардум аз ин ҷумла аст.

Дар айни замон риояи таъмини бечунучаро ва иҷрои принсипҳои иқтисодиёти бозорӣ муҳим аст. Вагарна ин на рӯй гардондан аз маъмуриятбозӣ, балки танҳо гузаронидани он ба системаҳои поёнии идора мебошад.

**Сеюм**, самари сохторҳои идораи иқтисодиёт дар асоси бозсозиҳо таъмин карда шуда, ин бо ҳам омадан, ихтисор намудан ва аз байн бурдани баъзе мақомоти идоравӣ, соҳавӣ ва роҳбарии ҳудудӣ мутобиқ бо талаботи иқтисодиёти бозорӣ мебошад. Фурсате расид, ки таҷдиди назар намудани аҳамияти нигоҳ доштани на танҳо зинаҳои алоҳида, балки баъзе идораҳо, ки хароҷоти бо онҳо вобаста дар амал худро сафед намекунанд, зарур аст.

**Чорум**, ба дараҷаи сифатан нав бардоштани нафъи системаи идора мебошад. Зарур аст, ки сифати таҳия ва қабули қарорҳо, татбиқи механизмҳои мутаассири назорати иҷрои онҳо баланд бардошта шавад.

Татбиқи тадбирҳо дар бобати куллан ихтисор намудани шаклҳои ҷорӣ, роҳҳо ва усулҳои маъмурӣ аз ҷониби вазоратҳо, идораҳо, иттиҳодияҳои хоҷагидорӣ, роҳ надодан ба мудохилаи онҳо ба фаъолияти хоҷагидории корхонаҳо, маҳдуд намудани озодии иқтисодии субъектҳои хоҷагидорӣ зарур аст.

**Панҷум**, ин татбиқи тадбирҳо оид ба марҳала ба марҳала такомул додан ва баланд бардоштани нафъи корҳои системаи идораи давлатӣ дар асоси татбиқи технологияҳои коммуникатсионии мутараққии иттилоотӣ, ихтисори ҳисоботбозии нозарур ва қоғазбозии барзиёд аст. Мақсади асосии вазифа, ки мо дар пеши худ дар татбиқи ислоҳоти маъмурӣ мегузорем, ин **пеш аз ҳама** таъмин намудани тамоми системаи идораи давлатӣ бо лаҳни демократизатсия ва либерализатсия аст, ки субъектҳои ҷамъиятӣ ва хоҷагидорӣ низ шомили онҳо буда, **дуввум ин ки** тамоми ҳамаи он ба талаботи ҷории ислоҳот ва такмили мамлакат расонда шавад.

Комиссияи ҷумҳурии таҳияи пешниҳодот доир ба амиқ сохтани ислоҳоти маъмурӣ ва такомули идораи сохтори иқтисодиёт (Азимов) дар тамоми самтҳои номбурда дар муддати як моҳ барномаи мушаххасро омода сохта, онро ба баррасии Девони Вазирон таҳвил намояд.

Иштирокдорони мӯҳтарами маҷлис!

Бале, ислоҳоти системаи маъмурӣ барвақт пухта расидааст ва онро ба таъхир набояд андохт. Бе ин ислоҳот ба ҳаёт татбиқ намудани бозсозиҳои амиқи иқтисодӣ натанҳо душвор аст, балки тамоман номумкин мебошад.

Дар айни замон дар мо хаёлпарастӣ набояд вуҷуд дошта бошад, ки гӯё ислоҳот ва такомули дастгоҳи идора ин ҷараёни содда ва ҳамвор аст. Мо набояд онро фаромӯш кунем, ки ин ба манфиатҳо ва баъзан сарнавишти мудирони зиёд дахл дорад. Ва бояд тамоми тадбирҳои зарурирo барои татбиқи ислоҳоти маъмурӣ бо харҷи ҳадди ақалли иқтисодӣ ва иҷтимоӣ анҷом диҳем.

Ва боз он чиз ниҳоят муҳим аст, ки дар шароити демократизатсия ислоҳотро дар зери назорати ҷамъият амалӣ намуда, васеъ равшан намудани моҳият ва вазифаҳои онҳо аз ҷониби воситаҳои ахбори оммавӣ таъмин гардад. Ва танҳо дар ҳамон сурат мо метавонем ба самар ва натиҷае, ки аз татбиқи он чашмдор ҳастем, даст ёбем.

Дӯстони азиз!

Мо мақсади баландро дар пеш дорем, ки ин таъмини некӯаҳволӣ, шароити неки ҳаёти мардуми мо мебошад, ки дар шароите зиндагӣ кунанд, ки аз мамлакатҳои мутараққии демократӣ монданӣ надошта бошад. Ва мо ба ин ҳадаф албатта мерасем.

Ва дар ин ҷода мо наметавонем ва ҳеҷ гуна ҳуқуқро надорем, ки орзу ва умедҳои халқамонро ботил созем.

Дар роҳи ин мақсади нек барои ҳамаи шумо саломатӣ, дар коратон тавфиқ ва омадро таманно дорам.

